# КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМИЮ АМАЛӢ БАХШИДА БА РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ТАҲТИ УНВОНИ «ПРЕЗИДЕНТ – ҲОМИИ ЗАБОНУ ФАРҲАНГ ВА ТАЪРИХИ МИЛЛАТ»

Опубликовано 15 ноября, 2023 - 16:33 пользователем Ҳайати тадорукот

[1]

Рӯзи 15-уми ноябри соли 2023, соати 14:00 дар Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон конференсияи илмию амалӣ ба муносибати Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «Президент – ҳомии забону фарҳанг ва таърихи миллат» дар толори Кумита баргузор гардид.

Дар конференсия намояндагон аз Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази миллии қонунгузории

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, донишгоҳу донишкадаҳои олии кишвар, роҳбарият ва кормандони Кумитаву намояндагони ВАО иштирок намуданд.
Конференсия бо садо додани Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз шуд.

Сипас, раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илми филология, профессор Олимҷон Муҳаммадҷонзода сухани табрикотиро ба муносибати Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз намуда, ҳозиринро бо хизматҳои бузурги Пешвои миллат дар 32 соли даврони Истиқлол ёдовар шуда, қайд намуданд, ки мо миллати хушбахтем, ки ба бахти мо тоҷикон таърих роҳбареро ҳамчун Эмомалӣ Раҳмон ҳадя намуд, ки ҳар лаҳзаи умри пурбаракати худро барои бунёдкорӣ, созандагӣ, меҳрпарастӣ ва арзишҳои миллии ин сарзамин сарф намуда, барои наслҳои ояндаи миллату кишвари тоҷикон дар роҳи эҳёди сулҳу ваҳадти миллӣ қадамҳои устувор мегузорад.

Баъди суханронии раиси Кумита муовини директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Маҳмадшозода Фарҳод Абдураҳмон суханронӣ карда, оид ба сиёсати давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва саҳми Пешвои миллат дар равнақу ривоҷи забон дар замони Истиқлол ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ баромад намуда, ҳозиринро бо ин ҷашн табрик намуд.

Дар рафти конференсия олимону муҳаққиқон ва донишмандони кишвар дар мавзуъҳои гуногун маъруза намуданд. Аз ҷумла, Раҳматуллозода Сахидод – муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илми филология, профессор, Назарзода Сайфиддин – мудири шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илми филология, профессор, Мирзоев Сайфиддин - мудири шуъбаи забони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ, номзади илми филология, дотсент, Ваҳҳобзода Рустам – сардабири маҷаллаи Садои Шарқи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, номзади илми филология, дотсенти кафедраи назария ва адабиёти муосири тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Мансурӣ Шодмон Ҷамолиддинзода- номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дигар донишмандону мутахассисон маъруза намуданд.

Конференсия бо сухани ҷамъбастии раиси Кумита ва бо сурудани дастаҷамъии Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом расид.

**Рейтинг контента:** 4

Средняя оценка: 3.7 (3 голос)

Rate

**Приложение:** ТАҚДИМИ РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН 2023.pptx [2]

## Категория:

- Ахбори рӯз [3]

-

-

- 

-

- 

-

-

-

-

-

-

-

-

- 

**Источник::**https://www.istilohot.tj/ru/node/6976

**Ссылки**
[1] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/field/image/20231115_140436.jpg [2] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/articleattachments/%D0%A2%D0%90%D2%9A%D0%94%D0%98%D0%9C%D0

%98%20%D0%A0%D3%AE%D0%97%D0%98%20%20%D0%9F%D0%A0%D0%95%D0%97%D0%98%D0%94%D0%95%D0%9D%D0%A2%D0%98%20%D2%B6%D0%A3%D0%9C%D2%B2%D0%A3%D0%A0%D0%98%D0%98%20%D0%A2%D0%9E%D2%B6%D0%98%D0%9A%D0%98%D0%A1%D0%A2%D0%9E%D0%9D%20%202023.pptx [3] https://www.istilohot.tj/ru/taxonomy/term/10 [4] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20231115_140436.jpg [5] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20231115_140452.jpg [6] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20231115_140501.jpg [7] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20231115_140507.jpg [8] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20231115_140744.jpg [9] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20231115_140759.jpg [10] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20231115_140844.jpg [11] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20231115_140851.jpg [12] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20231115_141000.jpg [13] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20231115_141246.jpg [14] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20231115_141525.jpg [15] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20231115_141652.jpg [16] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20231115_143530.jpg [17] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20231115_144625.jpg [18] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20231115_144630.jpg [19] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20231115_144654.jpg [20] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20231115_144712.jpg [21] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20231115_145752.jpg